«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Раҳмонзода З.Ф.
«_28_»______06______2024

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ба диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин унвонҷӯи кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буда, таҳқиқоти илмиро оид ба омӯзиши пурраи мавзӯи рисолаи илмии худ соли 2014 дар кафедраи иқтисод ва идораи донишгоҳи номбурда оғоз кардааст.

Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин санаи 26 августи соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчии давлатӣ таваллуд шудааст. Соли 2004 ба факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кипр дохил шуда, соли 2009 онро аз рӯи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст. Инчунин, соли 2013 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм намудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърихи фалсафаи илм санаи 12 декабри соли 2022 бо баҳои 4 (хуб), забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 10 июни соли 2022 бо баҳои 4 (хуб) ва санаи 15 июни соли 2024 аз

рӯйи ихтисоси 08.00.04 Иқтисодиети соҳавӣ (08.00.04.01 Иқтисодиети саноат ва энергетика) - бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и. Шарифзода Бахром Махмудович.

Аз натиҷаи баррасии диссертатсияи илмӣ дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

**Муҳимияти мавзуи тадқиқот**. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами иқтисодиёти мамлакат мебошад. Баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ баҳри фаъолияти самарабахши онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ зарур аст ва таҳлили пайвастаи як қатор омилҳои таъсиркунандаро дар назар дорад, ки бо ҳадафи ҷустуҷӯи роҳҳои баландбардории рақобатпазирии онҳо амалӣ карда мешавад.

Шарти зарурии фаъолияти самараноки корхонаҳои саноатӣ дар шароити афзоиши рақобат қудрат ва қобилияти онҳо дар самти истеҳсоли маҳсулоти баландсифат маҳсуб меёбад. Дар ин росто, мафҳуми сифат на танҳо мувофиқати тавсифҳои маҳсулотро ба талаботи истеъмолкунандагон дар бар мегирад, балки қобилияти корхонаро дар самти истеҳсоли пайваста ва устувори маҳсулот дар муҳлатҳои муайяншуда фарогир аст. Албатта, ба ҳолати мазкур дар натиҷаи баланд бардоштани сатҳи касбияти ҳайати кормандон ва мукаммалсозии техника ва технологияи истеҳсолот ноил гардидан мумкин аст, ки бидуни риояи стандартҳои байналмилалии менеҷменти сифат, ҳифзи меҳнат ва муҳити зист ғайриимкон мебошад. Баҳисобгирии омилҳои мазкур ба баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ таъсири назаррас мерасонад.

Дар шароити муосир дар назди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди устувор, ки дар заминаи модели нави инкишофи стратегӣ амалӣ мегардад ва барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо қодир мебошад. Дар баробари ин, дар корхонаҳои саноатии мамлакат як қатор мушкилоти муҳим, аз ҷумла сатҳи пасти маҳсулнокии меҳнат, ҳаҷми нокифояи сармоягузорӣ барои коркард ва ҷорисозии инноватсияҳо, фонҳои истеҳсолии кӯҳнашуда, рушд наёфтани низоми идоракунии стратегӣ ва амсоли инҳо ҷой доранд.

Мавриди зикр аст, ки таъмини рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ яке аз ҳадафҳои муҳими субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, асосноккунии равишҳои муосирро доир ба таҳияи маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати баландбардории бартарияти рақибии онҳо тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, дар шароити муосири пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат хеле саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ. Мавзуи мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат дар заминаи татбиқи стратегияву барномаҳои давлатӣб санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия гардидааст: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2040, Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (бахши илмҳои иқтисодӣ-бандҳои 1,7,8).

**Арзёбии корҳои иҷрогардида**. Кори диссертатсионии Нуриддинзода Ахлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)"ба проблемаи муҳим бахшида шуда, бо забони возеҳи илмӣ таълиф гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот** тақвияти равишҳои консептуалӣ ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ мебошад, ки самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркардро дар шароити саноатикунонии босураъати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноилгардӣ ба мақсади кори диссертатсионӣ чунин вазифаҳо муайян гардида, ҳал карда шуданд:

– ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ баррасӣ карда шуда, шароитҳо ва омилҳои таъмини рақобатпазирии онҳо ошкор карда шавад;

– таҳлил ва арзёбии ҳолати рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт гузаронида шавад;

– ташкили кластерҳои саноатӣ ҳамчун механизми баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард баррасӣ карда шавад;

– роҳҳои асосии мукаммалсозии механизмҳои инстутсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад;

– самтҳои асосии таъмини самаранокӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар шароити саноатикунонии босураъат пешниҳод карда шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Пешниҳодоти муаллиф дар самти мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини

рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат назаррас хоҳад буд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноилгардӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои зерин истифода гардидаанд: таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, эконометрикӣ ва сохторӣ-функсионалӣ, ки аз принсипҳои объективият ва муназзамии илмӣ сарчашма мегиранд, инчунин усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил ва синтез.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва консептуалии механизми таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, ҳамзамон татбиқи асосҳои методӣ ва таҷрибаи хориҷии таъмини рақобатпазирӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқотро натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳо, ҳисоботҳои илмӣ, ки ба масоили мубрами таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудаанд, ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, барои ноилгардӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои зерин истифода гардидаанд: таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, эконометрикӣ ва сохторӣ-функсионалӣ, ки аз принсипҳои объективият ва муназзамии илмӣ сарчашма мегиранд, инчунин усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил ва синтез.

Аммо бояд гуфт, ки масъалаҳои илмии омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ баҳсталаб мебошанд. Масъалаҳои ҷорӣ намудани низоми суғуртакунӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои идоракунии хавфҳо барои корхонаи саноатӣ аз нуқтаи назари суғуртакунандагон то имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

**Натиљањои амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** Натиҷаҳо ва хулосаҳои дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот бадастомада дар шакли маъруза дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ,

байнидонишгоҳӣ дар солҳои 2013-2022 дар шаҳрҳои Душанбе, Москва пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаҳои диссертатсияро дар ҷараёни таълими фанҳои зерин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст: иқтисодиёти корхона, ташкил ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ, рақобатпазирии корхонаҳо, рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** тибқи талаботи шаҳодатномаи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти дисссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 6 ҷузъи чопӣ нашр гардидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар конфронсияҳои илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп карда шудаанд.

**Маќолањои асосии муаллиф дар робита ба мавзўи тањќиќот:**

**Интишорот дар нашриянҳои тақризшаванда:**

[1–М]. Нуриддинзода А.Н. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир: ҷанбаҳои назариявӣ [Матн]/ А.Н Нуриддинзода.,Б.М Шарифзода.//«Экономика Таджикистана», Душанбе, 2023. № 3. С. 72-78. ISSN: 2310-3957

[2–М]. Нуриддинзода А.Н. Механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн]/А.Н. Нуриддинзода //Ахбори Академияи миллии Тоҷикистон, № 1 (270)., 2023, с. 153-160.

[3–М]. Нуриддинзода А.Н. Асосҳои назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн] / А.Н Нуриддинзода., Б.М. Шарипов//«Экономика Таджикистана», Душанбе, № 4(2), 2022. С.43-49. ISSN: 2310-3957

4-М]. Нуриддинзода А.Н. Таъмини рак;обатпазирииkорхонах,ои саноати: шароитҳо, омилҳо ва принсипҳо. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода //"Тоҷикистон ва ҷаҳони имруза". Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, № 4 (80), 2022, с. 183-193. ISSN 2075-9584

[5-М]. Нуриддинзода А.Н. Развитие сферы образовательных услуг и формирование конкурентной среды в Республике Таджикистан. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода // Вестник Таджикского национального университета - 2/7, 2017, с. с.135-140.ISSN 2413-5151

### Дар дигар нашрияҳо:

[6-М]. Нуриддинзода А, Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн] / А. Нуриддинзода.// Конфронси байналмилалии илми-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои стратегии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ», Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ1 ва сонҳибкории Тоҷикистон, Душанбе, 2024, (14-уми октябри соли 2024).с .680. С. 19- 27.

[7-М]. Нуриддинзода А.Н. Роль цифровизации банковского сектора в обеспечении ускоренного и сбалансированного развития промышленности Таджикистана. [Матн] / Б.М Шарифзода, А.Нуриддинзода, В.Абдусатори.//, Сборник материалов научно-практической международной конференции на тему " Приоритеты развития финансового сектора в условиях перехода к цифровой экономике (г. Душанбе, 7 - декабря 2023 года) - Душанбе, ТГФЭУ.- с. 378 , с.39-44

[8-М]. Нуриддинзода А.Н. Условия факторы и принципы обеспечения конкурентоспособности промышленных предприятий [Матн]/А.Н Нуриддинзода.// Материалы международной научно-практической конференции на тему "Стратегические направления развития инновационного предпринимательства в условиях глобализации", МУТПТ, Душанбе: 2022.- С.560-565

[9-М]. Нуриддинзода А.Н. Подходы к цифровой трансформации промышленного производства в условиях ускоренной индустриализации

[Матн]/ А.Н. Нуриддинзода, Ф.А Джабборов.// Материалы республиканской научно-практической конференции на тему "Современные тенденции денежно-кредитных отношений и их влияние на экономическое развитие" (15 февраля 2020 года), С.121-125
[10-М]. Нуриддинзода А.Н. Пути повышения конкурентоспособности промышленных предприятий. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода// Материалы международной научно-практической конференции "Проблемы обеспечения устойчивого сбалансированного развития мировой экономики: тенденции и перспективы". – Душанбе: ИПС, 28 октября 2019 года. С.3-6

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Кори диссертатсионии Нуриддинзода А.Н. ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод гардидааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Кори диссертатсионии Нуриддинзода А.Н. ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика бо дарназардошти ислоҳи баъзе камбудиҳои ошкоргардида ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-043 назди Донишгохи технологии Тоҷикистон ба номи М.Осими барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраьои иқтисод ва идораи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушд, молия ва қарз ва менеҷменти

инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (суратҷаласаи №10 аз 21 июни соли 2024) тасдиқ шудааст.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: тарафдор – 23 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи иқтисод ва идора, н.и.и., и.в. дотсент — Шарифзода Ш.Р.

Котиби ҷаласа:
муаллими калони кафедраи иқтисод ва идора доктор PhD — Сафоев Ҳ.С.

Дурустии имзоҳои Шарифзода Ш.З ва Сафоев Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Нусратулло Раҳматулло

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3